«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишкадаи кӯҳию
Металлургии Тоҷикистон
_____ н.и.т., профессор
Махмадалӣ Бахтиёр Набӣ
«06» 09 2022г.

ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ДОНИШКАДАИ КӮҲИЮ МЕТАЛЛУРГИИ ТОҶИКИСТОН

оид ба кори диссертатсионии Боқизода Домулло Зафарҷон дар мавзӯи Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия, ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 пешниҳод карда мешавад.

Боқизода Домулло Зафарҷон дар мавзӯи Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз») корҳои илмиашро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ба сомон расонидааст. Бинобар ин факултети корҳои кӯҳии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

Боқизода Домулло Зафарҷон, соли 2013 ба Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба факултети электромеханика дохил шуда, онро соли 2018 аз рӯйи ихтисоси 430103-01 (Таъмини корхоҳонаҳои саноатӣ бо барқ) хатм намудааст.

Аз моҳи январи соли 2019 сар карда таҳти роҳбарии номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои табиӣ-илмии факултети корҳои кӯҳӣ Ҳоҷиев Саидмуқбил Қосимович ҳамчун унвонҷӯ, дар мавзӯи Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз») кори диссертатсионияшро иҷро намуд.

Дар тули унвонҷӯ буданаш ба ӯ шаҳодатномаҳо оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дода шуд: ба таърих ва философияи илм - аз 28.04.2020с; ба забони хориҷӣ - аз 30.12.2020с. Ҳамчунин шаҳодатнома ба ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия - аз 07.05.2021с. аз ҷониби Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ дода шуд.

Ҳолати асосии диссертатсия дар шурои олимони донишкада санаи 05.09.2022 дида баромада шуд.

Мақсади таҳқиқот таҳияи технологияи тоза кардани маҳлули коркардшудаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз ионҳои руҳ, оҳан ва мис бо усулҳои физикию химиявӣ ҳангоми истифодабарии реагентҳои гуногуни химиявӣ ва баланд бардоштани бехатарии экологии муҳити зист маҳсуб ёфта, ба навгониҳои зерин ноил гардид:

- таҳқиқи таркиби физикию химиявии маҳлули коркардшудаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ;
- таҳқиқи раванди беоҳангардонии маҳлули коркардшудаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ;
- таҳқиқи вобастагии дараҷаи тозакунии маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис ҳангоми параметрҳои гуногун;
- таҳқиқи тағйирёбии электроноқилияти хос, дараҷаи шӯрӣ ва TDS-и маҳлул ҳангоми истифодабарии усулҳои химияӣ ва коагулятсионӣ;
- таҳқиқи таъсири pH-и муҳит ба раванди тоза кардани маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис бо усулҳои химиявӣ ва коагулятсионӣ;
- таҳқиқи таъсири ҳарорат ба раванди аз руҳ, оҳан ва мис тоза кардани маҳлули коркардшуда бо усули коагулятсионӣ;
- таҳқиқи вобастагии тирагии маҳлул аз омилҳои раванди тозакунии маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис ҳангоми истифодабарии усулҳои химиявӣ ва коагулятсионӣ;
- тартиб додани нақшаҳои нави асосии технологии раванди тоза кардани маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис ҳангоми истифодабарии усулҳои химиявӣ ва коагулятсионӣ.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлили адабиёти илмӣ, гузоштани масъала барои кори рисолаи илмӣ, дарёфти усулҳои ҳалли онҳо, гузаронидани корҳои таҷрибавӣ, таҳлил, коркард ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, таҳияи хулоса ва муқаррароти рисола иборат аст.

Предмети таҳқиқот: раванди тоза кардани маҳлули коркардшуда аз ионҳои руҳ, оҳан, мис ва моддаҳои муаллаҚ бо усулҳои физикию химиявӣ ҳангоми истифодабарии реагентҳои химиявӣ.

Саҳеҳияти натиҷаҳои диссертатсия. Барои таъмини эътимоднокии маълумоти таҷрибавӣ ҳангоми таҳқиқот асбобҳои замонавӣ истифода шуданд, ки барои ҳар як элементи муайяншуда бо истифодаи маҳлулҳои сертификатдор калибровка карда ва санҷида шуданд. Инчунин барои

гузаронидани таҷрибаҳо оид ба тоза кардани маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис танҳо реагентҳои химиявии расман тасдиқшуда, аз ҷумла оксиди калтсий, гидроксиди натрий, карбонати натрий ва сулфати алюминий истифода шуданд. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар санади татбиқ, ки онро директори генералии ҶДММ «Тоҷфилиз» тасдиқ кардааст, инъикос ёфтаанд.

Мувофиқати диссертатсия бо паспорти илмии ихтисос. Кори диссертатсионӣ бо паспорти илмии ихтисоси 25.00.27 – гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ ва гидрохимия бо бандҳои зерин мувофиқат менамояд (бо забони рӯсӣ оварда мешаванд):

1. Теоретические и методологические основы гидрологии, гидрографии, речного стока, лимнологии, русловых и устьевых процессов, гидрохимии, гидроэкологии.

5. Проблемы взаимодействия поверхностных и подземных вод, научные основы совместного использования подземных и поверхностных вод, особенности влияния подземных вод на гидрохимические характеристики рек.

9. Разработка теории и методологии гидроэкологии, изучения водных экосистем, теории взаимодействия абиотических и биотических компонентов этих систем, методов оценки экологически значимых гидрологических и гидрохимических характеристик.

10. Разработка научных основ обеспечения гидроэкологической безопасности территорий и хозяйственных объектов, экономически эффективного и экологически безопасного водопользования и водопотребления, планирования хозяйственной деятельности в областях повышенного риска опасных гидрологических процессов, защиты водных объектов от истощения, загрязнения, деградации, оптимальных условий существования водных и наземных экосистем.

Интишороти натиҷаҳои диссертатсия. Дар самти натиҷаҳои диссертатсия 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шуда ва 6 мақолаи илмӣ дар маҷмӯи маводҳои конференсияҳо ба табъ расидаанд. Ба ихтироъ нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, шарҳи адабиёт, қисмҳои методӣ ва таҷрибавӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Рисола дар 115 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз 11 ҷадвал ва 33 расм иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 107 номгӯйро ташкил медиҳад.

Дар асоси маълумотҳо оид ба кори диссертатсионии Боқизода Д.З. дар мавзӯи Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия, ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Хулоса дар шурои олимони факултети корҳои кӯҳии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар маҷлис иштирок доштанд 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - 0, «бетараф» - 0, протоколи №1 аз 5 сентябри соли 2022.

Раиси шурои олимони донишкада,
номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор Маҳмадалӣ Б.Н.

Котиби шурои олимон Саидов М.

Муқарризи холис, дотсенти кафедраи «Химияи органикӣ ва амалӣ»-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Ғафуров»,
номзади илмҳои химия Тӯхтасунов О.

Муқарризи холис, дотсент, декани факултети геоэкология ва туризми МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Ғафуров»,
номзади илмҳои география Аминов М.Ҳ.

Имзои Маҳмадалӣ Б.Н. ва Саидов М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Сулейманова Н.А.

Имзои Тӯхтасунов О. ва Аминов М.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДХ ба номи акад. Б Ғафуров» Наврузов Э.М.

«06» 09 2022с.